ПРОТОКОЛИ № 11
мачлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-032

аз 05 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро - 15 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 декабри соли 2024, № 450/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 30-юми июни соли 2025, №241/шд) тасдиқгардида 15 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 3 нафарашон докторони илм ва 2 нафар номзади илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Зиёзода Зубайдуллои Карорматулло дар мавзуи «Баҳодиҳии самаранокии табобати шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингитҳои силӣ дар марҳилаи беморхонавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.16. Фтизиатрия

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ, д.и.т., дотсент Азимов Г.Ҷ. ва аъзои комиссия: д.и.т., дотсент Одинаев Н.С. ва н.и.т., дотсент Саидмурадова Г.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Зиёзода Зубайдуллои Карорматулло дар мавзуи «Баҳодиҳии самаранокии табобати шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингитҳои силӣ дар марҳилаи беморхонавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.16. Фтизиатрия пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Зиёзода Зубайдуллои Карорматулло дар мавзуи «Баҳодиҳии самаранокии табобати шаклҳои ба доруҳо ҳассос ва тобовари менингитҳои силӣ дар марҳилаи беморхонавӣ» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.16. Фтизиатрия ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқаризони расмӣ таъин карда шаванд:
   - Парпиева Наргиза Нусратовна - доктори илмҳои тиббӣ, профессор, Директори Маркази ҷумҳуриявии илмӣ-амалии тиббии фтизиатрия ва пулмонология ба номи академик Ш. Алимов Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, сарфтизиатри ҷумҳурӣ, мудири кафедраи фтизиатрияи Академияи тиббии Тошканд, (ш. Тошканд).
   - Салихов Орзу Ҳайбуллоевич – номзади илмҳои тиббӣ, мудири шуъбаи ҷарроҳии сили шуши МД «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина», (ш. Душанбе).
3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро ба номи Абу Алӣ Ибни Сино-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (ш. Бухоро, Ҷумхурии Ӯзбекистон) таъин гардад.
4. Ба даст овардани розигии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқаррарагардида.
5. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (50 адад) ва фиристондани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
7. Таърихи баргузории ҳимоя 25 декабри соли 2026, соати 13.00 муқарар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳи: тарафдор - 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиб, профессор Раҳманов Э.Р.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т. Усмонӣ Г.М.

имзо/подпись
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ / ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
НАЧАЛЬНИК УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ
«05» 11 20 26 с/г